# ХУЛОСАИ

## шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 02 майи соли 2026, №98**

**Дар бораи сазовор донистани Исломзода Илҳом Ислом, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи номзадии Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 14-уми феврали соли 2026, №91 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд тасдиқ шудааст) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Исломзода Илҳом Ислом 06-уми январи соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Номбурда соли 2009 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2014 хатм намудааст.

Исломзода Илҳом Ислом фаъолияти худро аз 1-уми сентябри соли 2015 ба ҳайси мутахассис дар Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз намуда, то январи соли 2024 дар вазифаҳои гуногун дар ҳамин муассиса кору фаъолият намуд. Аз 15-уми январи соли 2024 то 26-уми августи соли 2024 ба ҳайси муовини декан оид ба корҳои таълими факултети педагогика дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт фаолият намуда, аз 1-уми сентябри соли 2024 то ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2025, №5 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода Анвар Ислом, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**– Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**– Одиназода Носир Садир –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, омӯзгори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ба ҳайси муассисаи пешбар –** муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянин)-Россия ва Тоҷикистон» таъин шудааст.

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, Абдуллаев Н.С. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянин) Россия ва Тоҷикистон (5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси ҷаласаи кафедра, Абдуллаев Р.А. доктори илмҳом ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянин) Россия ва Тоҷикистон ва котиби ҷаласа Чоршанбиев А.Ч., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ Донишгоҳи (Славянин) Россия ва Тоҷикистон, имзо аз ҷониби сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи (Славянин) Россия ва Тоҷикистон Исмоилова М.Н., дар санаи 31.03.2026 сол тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Метавон гуфт, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Хомушов, И.И. Заминаҳои иҷтимоии муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №1 – С. 117-125; ISSN 2413 – 5151.

**[2-М].** Хомушов, И.И. Масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2 (42) – С. 109-116; ISSN 2410 – 2903.

**[3-М].** Шарипов, Т.Ш., Хомушов, И.И., Мафҳуми шикори ғайриқонунӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Ш. Шарипов, И.И. Хомушов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №2 (22) – С. 147-161; ISSN 2414 – 9217.

**[4-М].** Хомушов, И.И., Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шикори ғайриқонунӣ бо қонунгузории мамлакатҳои дигари аъзои ИДМ [Матн] / И.И. Хомушов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №3 – С. 231-238; ISSN 2413 – 5151.

**[5-М].** Хомушов, И.И. Сабабҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ ва таъсири он ба ҷомеа [Матн] / И.И. Хомушов // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4. – С. 304-308; ISSN 2410 – 2903.

**[6-М].** Сафарзода, А.И. Исломзода И.И. Танзими ҳуқуқӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғйриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.И. Сафарзода, И.И. Исломзода // Қонунгузорӣ. – 2025. – №4 (60). – С. 276-282. ISSN 2410 – 2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[7-М].** Хомушов, И.И. Тарафи объективии шикори ғайриқонунӣ [Матн] / Хомушов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба Солҳои рушди саноат (2022-2026). Душанбе, 2022. – С. 385-389.

**[8-М].** Хомушов, И.И. Тавсифи аломатҳои тарафи субъективии ҷинояти шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот дурнамо ва роҳҳои ҳалли он». – Душанбе, соли 2022. – С. 143-149.

**[9-М].** Хомушов, И.И. Аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Материалы Международных научно

практических мероприятий Обшества Науки Творичества. г. Казань. – 2022. – С. 69-75.

**[10-М].** Хомушов, И.И. Роҳҳои пешгирии шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» таҳти унвони «Ҳолат ва дурнамои рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2024. – С. 326 – 337.

**[11-М].** Исломзода, И.И. Шикори ғайриқонунӣ: асосҳои назариявӣ ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Исломзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ амалӣ бахшида «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2025. – С. 181 – 186.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Санавварзода Ғ.Б.** – Мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Алиев Ф.Ш.** – Мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Оралбаев Х.Х.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидоштаи зерин пешниҳод шудаанд:

1. Дар бахши таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ муаллиф бартариҳои моделҳои ҳуқуқии давлатҳои алоҳидаро асоснок менамояд, аммо дар автореферат механизми мушаххаси мутобиқсозии ин таҷриба ба шароити ҳуқуқии миллӣ пурра равшан нагардидааст. Бинобар ин, мақсаднок мебуд, ки ҳангоми ҳимояи диссертатсия муаллиф мавқеи худро оид ба имконияти амалии татбиқи чунин пешниҳодҳо дар низоми ҳуқуқии миллӣ ба таври муфассал ва далелнок баён намояд.

2. Дар саҳифаи 16-19-и автореферат дида мешавад, ки муаллиф зарурати муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятиро бо омилҳои иҷтимоӣ ва латентнокии баланди шикори ғайриқонунӣ асоснок менамояд. Бо вуҷуди ин, хулоса дар бораи он ки танҳо чоряки ҷиноятҳо ошкор мегарданд, бо таҳлили муфассали методологияи ҳисоб ва манбаи мушаххаси оморӣ тақвият дода нашудааст. Мақсаднок мебуд, ки муаллиф усули муайян намудани сатҳи латентнокиро мушаххас намуда, ба таҳқиқоти эмпирикӣ ё маълумоти расмии мақомоти

ваколатдор такя намояд, то асоснокии илмии ин иддао боз ҳам мустаҳкам гардад.

3. Дар нуктаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшуда хусусиятҳои таснифоти шикори ғайриқонунӣ муайян гардидаанд, аммо робитаи мантиқии онҳо бо унсурҳои таркиби ҷиноят ба таври кофӣ равшан инъикос наёфтааст. Аз ҷумла, чунин аломатҳо, ба мисли «расонидани зарари калон» ва «истифодаи усулҳои ғайриқонунӣ», бештар ҳамчун нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят баромад мекунанд, на ҳамчун меъёрҳои мустақили таснифот. Аз ин лиҳоз, мувофиқ мебуд, ки муаллиф зимни ҳимояи рисолаи илмии худ нисбат ба ин масаъла мавқеи худро мушаххастар иброз намояд.

4. Дар автореферати диссертатсия таҳлили омории ҳолатҳои шикори ғайриқонунӣ маҳдуд буда, динамика ва тамоюлҳои чандсолаи содиршавии ин ҷиноят пурра инъикос наёфтаанд. Муаллиф метавонист бо истифодаи маълумоти муқоисавӣ, аз ҷумла муқоисаи нишондиҳандаҳо дар давраҳои гуногуни вақт ё бо таҷрибаи дигар кишварҳо, натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам мустаҳкамтар гардонад.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда дорои хусусияти ҷузъӣ ва тавсиявӣ буда, ба мазмуну моҳияти асосии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Онҳо бештар ба такмили ҷанбаҳои алоҳидаи кор равона гардидаанд ва наметавонанд сатҳу сифати умумии онро коста гардонанд. Баръакс, бо дарназардошти ин эродҳо имкон фароҳам меояд, ки баъзе паҳлуҳои таҳқиқот боз ҳам дақиқтар ва мукаммалтар гардонида шаванд, ки ин худ аз сатҳи хуби илмӣ ва арзиши амалии кори анҷомёфта шаҳодат медиҳад.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** Шикори ғайриқонунӣ ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологӣ, муайян намудани мазмуну моҳияти ҳуқуқии он, ошкор намудани хусусиятҳои криминологии шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ ва омилҳои муайянкунандаи содиршавии ин ҷиноят, таҳлили амалияи татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт, инчунин таҳияи

пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии пешгирӣ ва мубориза бар зидди шикори ғайриқонунӣ;

– **пешниҳод шудааст:** бо мақсади ошкор намудани хусусияти бланкетии диспозитсияи м. 232 КҶ ҶТ, пешниҳод карда мешавад, ки диспозитсияи ин модда ба тариқи зайл муқаррар карда шавад: «Ғайриқонунӣ ба даст овардани объектҳои олами ҳайвонот». Ин пешниҳод аз он бармеояд, ки меъёри амалкунандаи моддаи 232 моҳиятан ба санадҳои соҳавии дигар такя мекунад ва мазмуни «ғайриқонунӣ будан»-ро мустақилона пурра намекушояд, бинобар ин истифодаи мафҳуми умумии «ғайриқонунӣ ба даст овардани объектҳои олами ҳайвонот» ин вобастагиро равшантар ва дақиқтар таҷассум менамояд.

Илова бар ин, чунин муқаррарот доираи танзимро васеъ карда, на танҳо шаклҳои анъанавии шикор, балки дигар роҳҳои ғайриқонунии истифодаи олами ҳайвонотро низ фаро мегирад ва ба татбиқи яксону устувори меъёр дар амалияи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

– **исбот шудааст:** бори аввал таснифи сабабҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ пешниҳод гардида, онҳо ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо карда шудаанд: 1) омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ (сатҳи пасти таъминоти моддӣ, то андозае сатҳи бекорӣ, манфиатҳои иқтисодии ғайриқонунӣ ва ғ.) ва 2) омилҳои сохторию-ҳуқуқӣ (камбудиҳо дар механизми назорат, нокифоя будани танзими ҳуқуқӣ, мушкилоти татбиқи қонунгузорӣ ва ғ.), зеро сабабҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ дорои моҳияти дуҷанбавӣ буда, ҳамзамон аз таъсири омилҳои берунаи иҷтимоию иқтисодӣ ва камбудиҳои дохилии низоми сохторию-ҳуқуқӣ бармеоянд;

– **ҷорӣ намудан:** бо мақсади мушаххас ва мукаммал гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ, бартараф намудани холигиҳои марбут ба муайян кардани мафҳуми «истифода аз мақоми хизматӣ» ҳангоми содиркунии шикори ғайриқонунӣ таклиф карда мешавад, ки дар эзоҳи моддаи 236 КҶ ҶТ муқаррароти зерин дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«Таҳти истифода аз мақоми хизматӣ ҳангоми шикори ғайриқонунӣ содир кардани кирдорҳое фаҳмида мешавад, ки шахс бо истифода аз мақоми хизматии худ (якдафъаина ё мунтазам) ба муҳити зист ва олами ҳайвонот, инчунин ба истифодаи оқилонаи захираҳои шикор таҳдид ё зарар мерасонад»;

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар рушди минбаъдаи илмӣ оид ба шикори ғайриқонунӣ ҳамчун зуҳуроти мураккаби ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологӣ зоҳир мегардад. Муқаррароти диссертатсия назарияи илмиро оид ба мафҳум, моҳият, мазмун ва аломатҳои ҳуқуқии шикори ғайриқонунӣ такмил дода, ғояҳои илмиро дар самти омилҳои муайянкунандаи иҷтимоӣ ва хусусиятҳои криминологии шахсияти ҷинояткор инкишоф медиҳад. Ҳамзамон,

дар доираи таҳқиқот масъалаҳои марбут ба тахассусбандии дурусти кирдор, фарқгузории он аз ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва дигар ҷиноятҳои ҳаммонанд мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, пешниҳодҳои илмӣ ҷиҳати мукаммал намудани қонунгузории ҷиноятӣ ва такмили асосҳои назариявии пешгирии шикори ғайриқонунӣ асоснок карда мешаванд, ки дар маҷмӯъ самтҳои рушди минбаъдаи ин соҳаи таҳқиқотро муайян менамоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мeёбад, ки хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои назорати давлатӣ ва судҳо ҳангоми ошкор, тафтиш ва баррасии парвандаҳои марбут ба шикори ғайриқонунӣ ба таври самаранок истифода шаванд. Ин, аз ҷумла, ба такмили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, таъмини ягонагии татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирӣ ва муқовимат ба ин намуди ҷиноят, инчунин таҳияи барномаҳо ва чорабиниҳои мақсадноки криминологӣ мусоидат менамояд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълимӣ, омодасозии кадрҳои соҳаи ҳуқуқ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти дахлдор васеъ истифода бурда шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро дар раванди омӯзиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», аз ҷумла курси махсуси «Ҷиноятҳои экологӣ ва бандубасти онҳо», истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мебошад. Масъалаҳое, ки дар ин диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд ва дар таҳқиқоти олимони ватанӣ то андозае инъикос ёфтаанд, бо вуҷуди ин, дар ин самт як қатор масъалаҳое ҳастанд, ки ҳанӯз ба таҳқиқи ниёз доранд, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба такмили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти дурусти кирдорҳои вобаста ба шикори ғайриқонунӣ.

– **баён шуд,** ки шикори ғайриқонунӣ пеш аз ҳама ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифз ва истифодаи олами ҳайвонот таҷовуз менамояд. Чунин муносибатҳо байни давлат ҳамчун кафили ҳифзи муҳити зист ва субъектҳои истифодаи захираҳои табиӣ ба вуҷуд омада, ба тартиби муқарраргардидаи истифода, ҳифз ва барқарорсозии объектҳои олами ҳайвонот дахл доранд. Дар баробари ин, ба сифати объекти иловагии ҳимояшаванда ҳангоми содир намудани шикори ғайриқонунӣ неъматҳои муҳими экологӣ, аз ҷумла мувозинати табиӣ, гуногунии биологӣ ва амнияти муҳити зист баромад менамоянд.

– **ошкор гардад:** Ба сифати предмети шикори ғайриқонунӣ танҳо объектҳои олами ҳайвонот баромад мекунанд, ки хусусияти биологӣ дошта, дар муҳити табиӣ мустақилона мавҷуд буда, аз ҷониби инсон ҳамчун манбаи истифода ва истеъмол ба даст оварда мешаванд. Ин объектҳо, аз ҷумла ҳайвоноти ваҳшӣ ва паррандагон, дорои хусусияти манқул буда, метавонанд аз

муҳити зист ҷудо гардида, интиқол ё истифода шаванд. Маҳз ҳамин хусусиятҳои биологӣ ва манқулӣ имконияти ғайриқонунӣ гирифтани онҳоро муайян намуда, ҳамчун асоси фарқгузории предмети ҷинояти шикори ғайриқонунӣ хизмат мекунанд.

– **омухта шуданд:** Қонунгузории миллӣ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи муҳити зист ва олами ҳайвонот, ҳамзамон парвандаҳои судӣ вобаста ба ҷинояти шикори ғайриқонунӣ.

– **аз нав такмил додани:** Меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии шикори ғайриқонунӣ ва бандубасти он. Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамоҳангсозии онҳо бо қонунгузории экологӣ ва ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд ҳамчун маводи илмӣ-методӣ дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми омӯзиши фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва курсҳои махсуси марбут ба ҷиноятҳои экологӣ истифода гарданд.

– **муайян карда шуданд,** ки дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва танзими қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми «шикори ғайриқонунӣ» асосан тавассути нишондиҳандаҳои бланкетӣ ва истинод ба санадҳои соҳавии экологӣ шарҳ дода мешавад, ки ин ҳолат баъзан ба номуайянии мазмун ва гуногунтафсирии меъёр оварда мерасонад. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар диспозитсияи моддаи 232 КҶ ҶТ таваҷҷуҳи асосӣ ба моҳияти кирдор, яъне ғайриқонунӣ ба даст овардан ё истифодаи объектҳои олами ҳайвонот равона гардида, нишондодҳои зарурӣ ба санадҳои қонунгузории экологӣ барои дақиқ намудани тартиби иҷозат ва манъ нигоҳ дошта шаванд, то якхелагии тафсир ва татбиқи меъёр дар амалия таъмин гардад.

– **офарида шуд:** дар раванди таҳқиқи масъалаҳои шикори ғайриқонунӣ дар рисола муаллиф ба хулоса омад, ки муайянсозии дақиқи моҳияти ҳуқуқии ин кирдор ва фарқгузории он аз истифодаи қонунии объектҳои олами ҳайвонот аҳаммияти калидӣ дорад. Зеро маҳз дар ҳамин раванд масъалаҳои бандубасти ҷиноят, муайян намудани предмети ҷиноят, инчунин нақши санадҳои соҳавии экологӣ дар муайян кардани ғайриқонуният ба таври амиқ баррасӣ гардида, зарурати такмили диспозитсияи моддаи 232 КҶ ҶТ ва ҳамоҳангсозии он бо қонунгузории экологӣ асоснок карда шуд.

– **муаррифӣ карда шуд:** дар раванди таҳқиқи масъалаҳои шикори ғайриқонунӣ як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, аз ҷумла усулҳои

таҳлил ва синтез, мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор дода шуданд. Истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имкон дод, ки таҷрибаи қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ дар самти танзими ҷавобгарӣ барои шикори ғайриқонунӣ таҳлил гардида, хусусиятҳои умумӣ ва фарққунанда дар бандубасти ин кирдор муайян карда шаванд. Ҳамзамон, усули таҳлили низомнок шароит фароҳам овард, ки меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба ҳифзи олами ҳайвонот ҳамчун низоми ягонаи ба ҳам алоқаманди санадҳои ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, робитаи байни қонунгузории ҷиноятӣ ва экологӣ дар ин самт амиқтар ошкор карда шавад.

– **асоснок шудааст,** ки муаллиф ҳанӯз соли 2022 дар яке аз мақолаҳои илмии худ зарурати ворид намудани аломати вазнинкунандаи «такроран содир намудани шикори ғайриқонунӣ»-ро ба қисми 2 мо̀ддаи 232 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намуда буд. Дар он давра ин аломат дар таркиби меъёри мазкур пешбинӣ нагардида, дар натиҷаи таҳлили илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун холигии қонунгузорӣ арзёбӣ мегардид. Минбаъд, бо ворид гардидани тағйиру иловаҳо аз 17 декабри соли 2025 ба моддаи 232 КҶ ҶТ, ин пешниҳод дар сатҳи қонунгузорӣ таҷассум ёфта, аҳаммияти илмӣ ва амалии хулосаҳои пештар баёншуда тасдиқ гардид, ки ин худ далели дурустии мавқеи илмии муаллиф ба ҳисоб меравад.

– **истифода шудаанд:** усули диалектикӣ – имкон дод, ки шикори ғайриқонунӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқии дар тағйирёбии доимӣ қарор дошта, дар робита бо омилҳои экологӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ гардад; усули назариявӣ-ҳуқуқӣ – барои таҳлили мафҳум, моҳият ва аломатҳои ҳуқуқии шикори ғайриқонунӣ, инчунин барои муайян намудани ҷойи он дар низоми ҷиноятҳои экологӣ ва фарқгузории он аз истифодаи қонунии объектҳои олами ҳайвонот истифода шуд; таҳлили низомнокӣ – барои муайян кардани ҳамбастагии меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ бо санадҳои соҳавии экологӣ ва ошкор намудани ҷой ва нақши моддаи 232 КҶ ҶТ дар низоми умумии ҳифзи муҳити зист ва олами ҳайвонот мавриди истифода қарор гирифт.

– **муайян шудаанд:** мафҳуми дақиқи шикори ғайриқонунӣ ҳамчун кирдори ҷиноятӣ ва фарқгузории он аз истифодаи қонунии объектҳои олами ҳайвонот; предмет ва объекти ҳуқуқии шикори ғайриқонунӣ дар низоми ҷиноятҳои экологӣ; хусусиятҳои бланкетии диспозитсияи моддаи 232 КҶ; сабабу шароити содиршавии шикори ғайриқонунӣ аз нигоҳи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ; самтҳои асосии такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва ҳамоҳангсозии он бо қонунгузории экологӣ.

– **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои соҳавӣ, маълумотҳои омории Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди

олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 02 майи соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Исломзода Илҳом Ислом дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**02 майи соли 2026**